# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Назаров Тоҳирҷон Холмуминович** дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ)

Рисолаи мазкур ба проблемаи муҳимми илми педагогикаи муосир - ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Зикр бояд кард, ки ин ибтикороти муаллифи диссертатсия ба низоми омодагии касбию педагогии мутахассиси оянда такони муассир бахшида, самаранокии ташаккул ва рушди салоҳияти касбии омӯзгорро чун омили пешбарандаи ҷараёни таълиму тадрис инъикос менамояд.

Муаллифи рисола бо дарназардошти мавҷудияти асосҳои бунёдӣ ва назариявии мавзӯи таҳқиқот баррасии кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо ҳаллу фасл кардааст. Минҷумла, аз нигоҳи муаллиф ҳамбастагии фарогири марбут ба масоили комили омодагии экологии омӯзгори оянда, дарки методологияи проблемаи интихобшуда, ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биология аз самтҳои асосии таҳқиқоти иҷрошуда маҳсуб меёбад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажуҳиш ва дурнамои мавзӯи таҳқиқ вижагиҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биологияро ҳини таҳсил дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда, роҳу усулии татбиқи ҳадафҳо ва матлаби пешбинишударо мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст.

Дар рисола моҳият ва мавқеи калидии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биология дар партави фаъолияти касбии минбаъдаи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, вусъати

нерӯи зеҳнӣ, маърифатӣ ва амалӣ, дарки ғоя, консепсия ва сарчашмаҳои илмии назариву амалӣ ҳамчун омили пешбурди парвариши тавоноӣ ва қудрати касбии омӯзгори ояндаи фанҳои биологияя ва экология ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Шиносоӣ бо диссертатсия уновонҷӯӣ собит месозад, ки маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи онро ғояи муаллиф дар бобати омодагии экологии омӯзгор ва тарбияи насли наврас дар ин самт ташкил медиҳад. Ба ақидаи муаллифи рисола, экология яке аз соҳаҳои ҷавон ва босуръат рушдёбандаи замони муосир буда, бо самтҳои гуногуни илмҳо, аз ҷумла биология, робитаи зич дорад. Бинобар ин, омодасозии омӯзгорони биология дар ташкили самараноки татбиқи таълим ва тарбияи хонандагон доир ба масъалаҳои нигоҳдорӣ, ҳифзи муҳити атроф ва биосфера, ғанигардонии онҳо, беҳгардонии солимӣ ва генофонди миллат дорои аҳамияти калон мебошад.

Муаллифи рисола мутмаин аст, ки пайдошавии масъалаҳои марбут ба мушкилоти экологӣ аз омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буда, ҳалли он тавассути роҳу васила гуногун, таҷаддуди арзишҳо, ғояҳо, андешаҳо, рафтору муносибати инсонҳо, манотиқу кишварҳо амалӣ мегардад, ки дар ин раванд масъалаи маърифати экологӣ дар робита ба зинаҳои гуногуни таҳсилот ба ҳукми эътирофу эътибор лоиқ мегардад.

Маърифати экологӣ аз нигоҳи муаллифи рисола аз рукнҳои низоми таҳсилоти касбии олӣ буда, қисмати муҳим ва бузурги низоми омодагии мутахассиси ояндаро дар бар мегирад. Вазифаи асосӣ интиқол ва тарғиби маълумоту донишҳо ва дастовардҳои ҷолиби фарҳанги экологӣ, дарки дурусти олами табиат ва муҳити зист, тарғиби ғояву ақоиди барҷастаи экологӣ, ҷой додани иттилооти муҳим дар шуури одамон бо ҳадафҳои амалигардонӣ мебошад.

Дар рисола бобати ташаккули салоҳияти экологии донишҷӯ-омӯзгори ояндаи фанни биология муаллиф тавсияҳои ҷолиб пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, донишҷӯ бояд бо тафаккури экологӣ мусаллаҳ

гардида, бо роҳу усули таъсири мусбии инсон ба табиат, ба назари эътибор гирифтани асосҳои илмии экология дар фаъолияти робитаи инсон ба табиат шиносоӣ дошта бошад.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки омӯзиши сабабҳо, моҳият, оқибат ва имкониятҳои амалии буҳрони ҷаҳонии экологӣ ба дарки муҳиммияти иҷтимоии таълимии экологӣ ва нақши омӯзгори биология дар ҳалли масоили педагогӣ, ки ба таълими экологӣ ва бо вазъи имрӯзаи тозагии муҳити зист ва табиат алоқамандaнд, бояд мусоидат кунад.

Дар рисола ташаккули салоҳияти экологии донишҷӯи макотиби олӣ дар пайвастагӣ бо сифатҳои касбию шахсиятии омӯзгори биология мавриди баррасӣ қарор гирифта, дарки масъулияти экологӣ, арзишҳои умумибашарӣ, фарҳанги муносибат ба муҳити зист ҳамчун омилҳои асосӣ ва аввалиндараҷа ба маърази эътибор гирифта шудааст.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки дар ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияи муосири раванди таҳсилот, бо такя ба таҷоруби пешқадам ва афкору ақоиди олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар андешаронӣ намояд. Шиносоӣ бо рисола собит кард, ки муаллиф дар самти интихобшуда ба татбиқи фарзияву дастовардҳои намзарраси илмии ба нақшагирифта муваффақ шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола диссертатсия инъикос ёфтааст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ аз нигоҳи бунёдӣ асоснокии ғояҳо ва мулоҳизоти проблемаи таҳқиқ, коркарди амсилаи консептуалӣ бармеояд. Чунин иқдом имкон фароҳам овардааст, ки дар партави муносибати ҳамаҷониба ба ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давраи муҳимми парвариши маҷмӯи қобилияту малака ва маҳорати муаллим аст, дастуру тавсияҳои асоснокшудаи муаллифи рисола пешниҳод гардад.

Зикр бояд кард, ки тавсияҳои дар рисола пешниҳодшуда ҷиҳати маърифати экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология ва ҷалби онҳо ба фаъолияти самарабахш дар самти ҳифзи муҳити атроф кумак хоҳад кард ва аҳамияти комили амалӣ дорад. Хулосаҳои назарӣ ва тавсияҳои амалӣ дар раванди омодашавии касбии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, низоми баланд бардоштани сатҳи тахасссусии кадрҳои педагогӣ ёрӣ ва кумаки муассир хоханд расонд.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Муқоисаи натиҷагирӣ аз санҷишоти озмоишӣ ва таҷрибавӣ мебоист муфассалтар ва пурра арзёбӣ мешуд, ҳарчанд, ки ақидаҳои муаллиф дар ин бобат қобили қабул ва фаҳмову дастрасанд.

2. Дар матни автореферат ҷо-ҷо хатоҳои услубӣ, имловӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешавад.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Назаров Тохирҷон Холмуминовичро дар ҳудуду миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда унвонҷӯй далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф дар самти тадкикоти мазкур аз адабиёти илмии зарурӣ огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

Унвонҷӯй тадкиқоти масъалаи пешгирифтаро дар робита бо истифодаи технологияи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи биология дар ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология мувафаққона ва пурарзиш анҷом додааст.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) пурра мувофиқат мекунад:

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Назаров Тоҳирҷон Холмуминович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 – назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) мебошад.

**Муқарриз**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи забоншиносии
умумӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Негматов С. Э.**

**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992) 918506318.
E-mail: snegmas@rambler.ru

Имзои профессор С.Э. Негматов - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавкиев Э.Ш.

13.04.2023